**Ҳисоботи**

**кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ дар соли таҳсили 2021-2022**

**Раванди таълим:**

Дар кафедра 10-нафар устодон, аз он ҷумла; 1-нафар профессор,Саидов Н.Б., 1-дотсент, Саидова М.Н., 1-нафар муалими калон, Юсуфзода А.Ҷ., ва 7-нафар ассистентон: Фаридуни К.Р., Сахратов В.А., Ҳомидов Д.К., Дилдораи Ё., Сайфуллоева Д.Ф., Саидов Н.Д., Давроншозода Ф.Д таълим доданд. Ҷараёни таълим мувофиқи талаботи Низомномаи маълумоти олӣ ва дастуру фармонҳои Вазорати маорифи ҶТ, ректори Донишгоҳи миллӣ ва садорати факултети фарматсевтӣ ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии соли таҳсили 2021-2022 дар кафедра 9286 соат ба нақша гирифта шуда буд. Аз ин соатҳо 7660 соаташро соатҳои ғайрифаъол ташкил медод. Раванди таълим дар кафедра дар асоси нақшаи таълимии шӯъбаҳои рӯзонаи факултаҳои умумидонишгоҳӣ ва барномаҳои таълимии фаннӣ ва силлабусҳо, ки аз ҷониби ҳар як устоди кафедра доир ба фанҳои худ мураттаб шуда буданд, амалӣ гардонида шуд.

Аз ҳисоботҳои солонаи омӯзгорон бармеояд, ки дар соли таҳсили 2021-2022 нақшаҳои таълимӣ ба пуррагӣ иҷро шуданд.

Дар кафедра маводҳои чопӣ оиди дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ мавриди истифода қарор дорад. Аз ҷумла барномаи таҷрибаомӯзи барои курсҳои якум ва 5-ум мавриди истифодаи донишҷӯён қарор гирифт. Дарсҳои лексионӣ дар доскаҳои электронӣ тариқи презинтатсия қарор гирифтанд. Дар нимсолаи баҳорӣ дар назди кафедра донишҷӯёни курсҳои 1,3, 4, 5 аз фанҳои химияи фарматсевтӣ, идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ, фармакология,маркетинг ва менеҷменти

фарматевтӣ,фармакологияи клиникӣ, химияи токсикологӣ дарс омӯхтанд.

Барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ дар кафедра нақшаҳо, маводҳои химиявӣ дар лаборатория, доскаи электронӣ вуҷуд дорад, аммо барои дар сатҳи лозимӣ гузаронидани машғулиятҳо кафедра ба норасогии як қатор асбобу воситаҳои таълимӣ ва дар дарсҳои лабораторӣ ба маводҳои химиявӣ ва фарматсевтӣ сахт эҳтиёҷ дорад.

Тибқи фармоиши ректори ДМТ аз 02.03.2021 оиди таҷрибаомӯзиии таълимии (шиносоӣ бо муассисаҳои фарматсевтӣ) донишҷӯён мутобиқи банди 84-уми «Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касби ҶТ» то 14.03.2021 ба муассисаҳои фарматсевтии ҳудуди шаҳри Душанбе сафарбар карда шуданд. Дар таҷрибаомӯзӣ 8-гурӯҳи академӣ сафарбар карда шуд, ки ҳар гурӯҳ бо роҳбар таъмин шуданд.

Оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён бошад, дар курсҳои 5 тибқи фармоиши ректори ДМТ аз 17.03.2021 таҳти №805-04 барои гузаштан аз таҷрибаомӯзи санаи 27.03.2021 то 10.04.2021 аз фанни химияи фарматсевтӣ ва аз 11.04.2021 то 01.05.2021 аз фанни идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ ба Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шуд. Номгӯи мавзӯҳои корҳои курси дар курси 4 дар нимсолаи баҳори тақсим карда шуд. Рисолаҳои хатм 74-нафар донишҷӯ байни омӯзгорон тақсим гардида хамаашон пурра ҳимоя намуданд.

Рафти азхудкунии дарсҳо тартибу интизом, фармонҳои раёсат ва садорати факултет мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Тарзи иҷрои машғулиятҳои амалӣ қисман ба таври назариявӣ гузаронида мешаванд, чунки норасоӣ ва камбудиҳо аз хеле кам будани маводҳои химиявӣ ва маводҳои фарматсевтӣ мебошад.

Дар давоми соли таҳсил 12 ҷаласа мувофиқи нақшаи кории кафедра ва 12 ҷаласаи ғайринавбатӣ дар кафедра гузаронида шудааст, ки дар он масъалаҳои гуногун оиди фаъолияти омӯзгорони кафедра дида баромада шуданд. Устодони кафедра аз рӯи нақшаи иштирок ба дарсҳои ҳамдигар , гузаронидани дарси кушод ва намунавӣ амал карда нақшаро пурра дар соли таҳсили 2021-2022 иҷро намуданд. Дар давоми соли таҳсил 5 дарси кушод гузаронида 14 маротиба ба дарсҳои ҳамдигар иштирок намуданд, ки таҳлили онҳо дар маҷлисҳои кафедра муҳокима карда шуда протокол тартиб дода шуд. Инчунин дар кафедра барои таҳлил дарс бланка тартиб дода шудааст, ки ҳар як омӯзгори дар дарс иштирокдошта бланкаро пур менамояд. Ҳамин тариқ, омӯзгорони кафедра тавонистанд нақшаи таълимии соли таҳсили 2021-2022-ро пурра иҷро намуданд.

Мувофиқи фармоиши ректори ДМТ аз 04.09.2020 дар бораи ворид намудани тағйирот ба сохтори факултет ва мутобиқи банди 53-и «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои талаботи Қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 28.08.2020, тахти №01 дар заминаи кафедраҳои тахассусии «Фарматсия» ва «Технология ва биотехнологияи фарматсевтӣ» кафедраҳои тахассусии «Химияи фарматевтӣ ва идораву иқтисодиёти фармтасевтӣ», «Технологияи фарматсевтӣ ва фармакология» ва «Фармакогнозия» таъсис дода шуд.

Кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ дар ҳайати 1-профессор, 1-дотсент, 1-муаллими калон, 8-ассистент ва 1-лаборанти калон шурӯъ аз 01.09.2020 кори худро оғоз намуданд.

Ҷараёни таълим мувофиқи талаботи Низомномаи маълумоти олӣ ва дастуру фармонҳои Вазорати маорифи ҶТ, ректори Донишгоҳи миллӣ ва садорати факултети фарматсевтӣ ва нақшаикории кафедра ба роҳ монда шудааст.

Дар кафедра маводҳои чопӣ оиди дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ мавриди истифода қарор дорад. Дарсҳои лексионӣ дар доскаҳои электронӣ тариқи президентатсия қарор гирифтанд. Дар нимсолаи баҳорӣ дар назди кафедра донишҷӯёни курсҳои 3, 4, 5 аз фанҳои химияи фарматсевтӣ, идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ, химияи токсикологӣ,назорати сифати маводи доруворӣ, фармакоэкономика, сертификатсияи маводи доруворӣ дарс омӯхтанд.

Барои гузаронидани дарсҳои лексионӣ, амалӣ ва семинарӣ дар кафедра нақшаҳо, маводҳои химиявӣ дар лаборатория, доскаи электронӣ вуҷуд дорад. Рафти азхудкунии дарсҳо тартибу интизом, фармонҳои раёсат ва садорати факултет мавриди таҳлил қарор медиҳанд. Тарзи иҷрои машғулиятҳои амалӣ қисман ба таври назариявӣ гузаронида мешаванд, чунки норасоӣ ва камбудиҳо аз хеле кам будани маводҳои химиявӣ ва маводҳои фарматсевтӣ мебошад.

Ассистенти кафедра Сайфуллоева Д.Ф дар моҳи октябр ва Дилдораи Ё дар моҳи ноябр, муалими калон Юсуфзода А.Ҷ дар моҳи апрел, дотсенти кафедра Саидова М.Н дар моҳи май дарси кушод гузарониданд. Дар кафедра маҳфили «Дорушинос» фаъолият мекунад, ки роҳбарии онро ассистенти кафедра Сахратов В.А ба уҳда дорад. Дар давоми сол ин маҳфил ду семинар гузаронид. Аз руи нақшаи тасдиқшуда семинарҳои илмӣ дар якҷоягӣ бо омӯзгорони кафедра гузаронида шуд. Аз ҷумла дар мавзӯи «Сарчашмаи ҳосил намудани маводи доруворӣ» бо роҳбарии омӯгорони кафедра Саидов Н.Д., Сахратов В.А дар моҳи октябр ва дар мавзӯи «Омӯзиши проблемаҳои глобалии бозори фарматсевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон.» бо роҳбарии Сайфуллоева Д.Ф., Ҳомидов Д.К дар моҳи апрел гузаронида шуд.

**Корҳои методӣ-илмӣ.**

Устодони кафедра ба иҷрой корҳои таълимӣ-методӣ диққати махсус медиҳанд. Онҳо ҳамеша барои баланд бардоштани сифати таълим бо муккамал намудани матни лексия, тайёр намудани презентатсияҳо, тартиб додани саволномаҳои тестӣ, сохтани барномаҳои корӣ ва силлабусҳо машғуланд. Барномаҳои таълимӣ бо ворид намудани Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва дастовардҳои нави илмӣ ва адабиётҳои навин омода гардидаанд. Дар соли таҳсили 2021-2022 дар кафедра маводҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла:

- барономаи таълимӣ аз фанни «Назорати сифати маводи доруворӣ»;

- силлабус аз фанни «Химияи токсикологӣ»;

- силлабус аз фанни «Химияи фарматсевтӣ»;

- силлабус аз фанни «Идоракуни ва иқтисодиёти фарматсия»;

- силлабус аз фанни «Назорати сифати маводи доруворӣ»;

- силлабус аз фанни «Фармакоэкономика»;

- силлабус аз фанни «Таърихи дорусозӣ»;

- силлабус аз фанни «Маркетинг ва менеҷмент»

- силлабус аз фанни «Молшиносии тиббию фармтасевтӣ»

- саволномаҳои тестӣ ·аз фанни «Маркетинг ва менеҷмент»

- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Молшиносии тиббию фармтасевтӣ»

- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Химияи токсикологӣ»;

- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Химияи фарматсевтӣ»;

- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Идоракуни ва иқтисодиёти фарматсия»;

Ҳамаи маводҳои таълимӣ-методии дар боло зикршуда, аз тарафи Шӯрои методии факултет ва садорати факултет тасдиқ шудаанд.

Давомоти донишҷӯён ҳар моҳ аз тарафи мудири кафедра, садорати факултет ва кураторони гурӯҳҳо назорат карда шуда, ҳафтае як маротиба мувофиқи ҷадвал аз ҷониби кураторон соати тарбиявӣ гузаронида шуд.

Дар соли таҳсли 2021-2022 дар кафедра маводҳои таълимӣ-методӣ, аз ҷумла:

- силлабус аз фанни «Химияи токсикологӣ»;
- силлабус аз фанни «Химияи фарматсевтӣ»;
- силлабус аз фанни «Идоракуни ва иқтисодиёти фарматсия»;
- силлабус аз фанни «Назорати сифати маводи доруворӣ»;
- силлабус аз фанни «Фармакоэкономика»;
- силлабус аз фанни «Сертификатсияи маводи доруворӣ»;
- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Химияи токсикологӣ»;
- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Химияи фарматсевтӣ»;
- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Идоракуни ва иқтисодиёти фарматсия»;
- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Назорати сифати маводи доруворӣ»;
- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Сертификатсияи маводи доруворӣ»;
- саволномаҳои тестӣ аз фанни «Фармакоэкономика».

чоп карда дастраси донишҷӯён гардид.

Корҳои илмӣ дар соли таҳсили 2021-2022 аз тарафи устодони кафедра хеле хуб арзёби шудааст. Дар ин сол устодони кафедра бо мақсади пеш бурдани малакаи илмӣ пайи ҷустуҷӯ ва тадқиқот машғул шуда ба якчанд дастовардҳо ноил гардиданд. Гуфтан ба маврид аст, ки якчанд мақола ва фишурдаҳои устодони кафедра дар хориҷи кишвар нашр шуданд, ки баъзеи онҳо дар журналҳои тақризшаванда дохил мебошанд.

Дар соли 2021 аз тарафи омӯзгорони кафедра 15-мақола ва фишурда 2-патент нашр гардид.

**Рӯйхати мақола ва фишурдаҳои чопшудаи кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ**

1. Фаридуни К.Р «Муайян кардани хосиятҳои кумулятивии пайвастагиҳои ғайриорганикӣ бо баҳисобгирии таъсирот » «Кишоварз» ISSN 2074-54-35 санаи 31.10.2020
2. Фаридуни К.Р., Каримов А., Мусозода С.М. «Илм ва фановарӣ» ДМТ соли 2020 №1 «Определение кумулятивных свойств неорганических соединений при сочетании воздействий» саҳ 76-80.
3. Общая характеристика высших и средних учебных заведений фармацевтического профиля Республики Таджикистан / Д.Ф. Сайфуллоева, Ф.Ф. Сайфуллоев, Т.Л. Малкова. – Душанбе: ГУ «Научно-исследовательский фармацевтический центр» Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, 2020. – 75 с. (протокол научного совета №1 от 16.03.2020 г.)
4. Государственная система обеспечения качества лекарственных средств в Республики Таджикистан / Д.Ф. Сайфуллоева, Ф.Ф. Сайфуллоев, Т.Л. Малкова, Ахмедов Ф.А. – Душанбе: ГУ «Научно - исследовательский фармацевтический центр» Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, 2020. – 100 с.
5. Учебная программа «Контроль качества лекарственных средств» / Сайфуллоева Д.Ф. Малкова Т.Л., Сахратов В.А.
6. Дилдораи Ёрализод., Қодиров М.З., Раҷабов С.И. Таҳқиқи реаксияи конденсатсияи α,γдихлорпропан-2-ол бо кислотаи салитсилат. Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати Устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ ба хшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразмибостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли

Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илмумаориф (солҳои 2020-2040)».

7. Исмоилзода С.С., Дилдораи Ёрализод., Одинаев С.Х., Раҷабов С.И. «Конденсатсияи α,γ-дихлоргидрини глитсерин бо N-ҳосилаҳои аминокислотаи бутана». Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Заминаҳои рушд ва дурнамои илми химия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Шаҳри Душанбе, 12-14 сентябри соли 2020. Саҳ.160-164.
8. Ёрализод Д., Одинаев С.Х., Раджабов С.И., Мусозода С.М.«Синтез, ИК-спектральные исследования и биологическая активность некоторых производных глицерина» Мачаллаи илмии Илм ва Иноватсия ба чоп дода шуд.

9. ЮСУФЗОДА А. Д., РАХИМОВА М. Х., БОБОЁРЗОДА К. Р. Фармакогностическая характеристика сырья девясила крупнолистного произрастающего в таджикистане. Сборник материалов XXVII российского национального конгресса «человек и лекарство». МОСКВА 2020

10. РАХИМОВА М. Х., МУСОЗОДА С. М., ЮСУФЗОДА А. Д Фитохимический анализ корней девясила высокого, одуванчика обыкновенного и цикория обыкновенного с целью применения в комплексной терапии сахарного диабета. Сборник материалов XXVII российского национального конгресса «человек и лекарство». МОСКВА 2020.

11. Юсуфзода А. Дж - ассистент кафедры фармации ТНУ. Раджабов С. И. - к.х.н., ведущий научный сотрудник ТНУ, Мусозода С.М.- д. фарм.. н., профессор кафедры фармацевтической технологии и биотехнологии . «Применение растений рода inula в медицине».

12. Юсуфзода А.Ҷ., Мусозода С.М., Раҷабов С.И.Экстаксия, таҳқиқи тарикби химиявии растаниҳои оилаи чоқла (inula) Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии Илмию амалӣ дар мавзӯи «заминаҳои рушд

ва дурнамои илми химия дар ҷумҳурии тоҷикистон», бахшида ба 60-солагии факултети химия ва гиромидошти хотираи д.и.х., профессор, академики АИ ҶТ Нӯъмонов ишонқул усмонович (12-14 сентябри соли 2020).

13. «Разработка экстаркционного способа иввлечения мономекаина из мочи». Наука и просвещение. Конкурс молодых учйных. 25 марта 2020г. 112-114стр.
14. Выбор эффективного способа проподготовки биологических объектов для исследования фармакокинетики мономекаина. Вопросы биологической, медицинской и фармацевтической химии. 28.04.2020г. стр 38-42.
15. Мусозода С.М., Шпичак О.С., Махсудов К.С., Раҳмонов А.У., Давроншозода Ф.Д., Мусоев Р.С. «Разработка технологии и биофармацевтическое исследование мази на основе густого экстракта шалфея мускатного» Илм ва фановарӣ серия: фармация. саҳ 55-60.

**Рӯйхати патент ва нахустпатенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ**

1. Мақсудов Қ.С., Шпичак О.С., Раҳмонов А.У., Давроншозода Ф.Д., Мусозода С.М. «Склад для лікування запальних оториноларингологічних захварювань у формі таблеток» зарегистрированно а Государственном реестре патентов Украины от 12.05.2020.
2. Мақсудов Қ.С., Шпичак О.С., Раҳмонов А.У., Давроншозода Ф.Д., Мусозода С.М., Раҳимова М.Х. «Малҳами зиддибактериявӣ» нахустпатент №TJ 1094 аз 17.03.2020.

**Корҳои тарбиявӣ.**

Корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷуён ҳамеша мадди назари устодони кафедра қарор дорад. Корҳои тарбиявӣ дар кафедра аз ҷониби устодоне, ки ба ҳайси сарпараст дар гурӯҳҳои академӣ пешниҳод шудаанд дар оғози дарсҳои худ ба масъалаҳои тарбиявӣ диққати махсус дода масъалаҳои худшиносӣ, ватандустӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ, сару либос, ҷалби онҳо ба китобхонаҳо, истифода набурдан аз телефонҳои мобилӣ арзёбӣ менамоянд.

Нақшаҳои кории кураторон дар маҷлиси кафедра муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар давоми нимсолаи тирамоҳӣ ҳар ҳафта як маротиба дарси тарбиявӣ ва ҳар моҳ як маротиба маҷлиси гурӯҳ гузаронида, давомоти ҳармоҳаи донишҷӯёнро таҳлил менамуданд. Донишҷуён бо роҳбарии сарпараст ба шанбегиҳо, корҳои ҷамъиятӣ, олимпиадаҳо, конференсияҳо, семинарҳо ҷалб карда мешавад.

**Корҳои ҷамъиятӣ.**

Ҳамаи устодони кафедра ба корҳои ҷаъмиятии факултет ва Донишгоҳ ҷалб карда шудаанд. Фаридуни К.Р муовини декан оид ба таълим, Давроншозода Ф.Д эдвайзер, Дилдораи Ё-котиби Шӯрои илмии факултет, Юсуфзода А.Ҷ- раиси иттифоқи касабаи факултет, Сахратов В.А-котиби Шӯрои олимони факултет, лаборанти калон Солиҳова С.Қ-раиси занон ва бонувони факултет пайваста дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок менамоянд. Омӯзгорон дар шанбегиҳо, ободонии факултет, навбатдорӣ дар кафедра, навбатдорӣ дар ошёнаи якум ва навбатдорӣ дар хобгоҳ иштирок менамоянд. Инчунин дар барои пешгирии бемории коронавирус мувофиқи ҷадвали шӯъбаи тарбия дар боғи Куруши Кабир корҳои фаҳмондадиҳӣ гузарониданд. Устодони кафедра дар маҷлисҳои кафедра, факултет, Шӯрои олимон, Шӯрои методӣ, Шӯрои кураторони факултет фаъолона иштирок мекунанд.

**Иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои Шӯрои олимон ва раёсати Донишгоҳ.**

Ҳар як қарори Шӯрои олимон ва раёсати донишгоҳ дар рӯзи кафедра, ҳар рузи душанбе, ба саҳми омӯзгорон расонида шуда иҷрои саривақтии онҳо таъмин карда шудааст. Аз ҷумла тайёр намудани саволномаҳои тестӣ (санҷиш ва имтиҳонӣ)тартиб додани ҷадвали муҳокимаи рисолаҳои дипломӣ, тартиб додани номгӯи мавзӯъҳои корҳои курсӣ, тайёри барои гузаронидани сессияи баҳорӣ ва зимистонӣ, тайёр намудани дастурҳои таълимӣ-методӣ ва китобҳои дарсӣ, амали намудани супоришҳои сардори давлат, фармоишҳои ректор, иҷрои саривақтии супоришҳои садорати факултет ва ғайраҳо.

И.в. мудири кафедра Юсуфзода А.Ҳ.